*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 8 (4748) | ДУШАНБЕ, 15 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи кушодани Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО)**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) кушода шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтор ва басти вазифавии Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО)-ро тасдиқ намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 12 январи соли 2024, № 672**



## ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### аз 13 январи соли 2024, № 5, ш. Душанбе
### Дар бораи тадбирҳои амалисозии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, № 671

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, № 671 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Аз 1 январи соли 2024:

- маоши вазифавӣ (меъёрҳои тариф)-и хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони дигари ин мақомот ба андозаи 40 дарсад зиёд карда шавад;

- маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани коэффитсиентҳо барои рутбаҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ва махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рутбаи қаторӣ то лейтенант 1390 сомонӣ ва аз рутбаи лейтенанти калон то генерали артиш 1250 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ ба андозаи 1250 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 1390 сомонӣ, ки дар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият менамоянд, муқаррар карда шавад.

2. Аз 1 июли соли 2024:

- ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад;

- маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкилотҳои дигари буҷетӣ 40 дарсад зиёд карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ барои ҳисоб намудани маоши вазифавии кормандони соҳаи тандурустӣ 40 дарсад зиёд карда шуда, 620 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- андозаи маоши заминавӣ ҳамчун асоси коэффитсиентҳои тарифӣ барои хизматчиёни давлатии мансабҳои маъмурии категорияи олӣ 1120 сомонӣ, категорияҳои якум, дуюм, сеюм, чоруми хизмати давлатии мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба андозаи 1045 сомонӣ ва барои мансабҳои маъмурии категорияҳои панҷум, шашум, ҳафтуми хизмати давлатии мақомоти зикргардида ба андозаи 1160 сомонӣ муқаррар карда шавад;

- стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва намудҳои дигари стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба андозаи 40 дарсад зиёд карда шаванд;

- нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо дар ҳаҷми 30 дарсад аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия (зиёд) карда шаванд.

3. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон индексатсияи (зиёдшавии) андозаи нафақаҳоро дар доираи маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа таъмин намояд.

4. Вазорату идораҳое, ки таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқро амалӣ менамоянд, нафақаро аз 1 январи соли 2024, ба истисмои нафақаи шахсоне, ки таъминоти пулӣ (музди меҳнат) бо асъори хориҷӣ мегирифтанд ва нафақаашон аз ҳисоби ин маблағҳо таъин гардидааст, бозҳисобӣ намоянд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои қарори мазкурро аз ҳисоби маблағҳое, ки дар буҷети давлатии соли 2024 барои маблағгузории фонди музди меҳнат ва таъминоти нафақа пешбинӣ шудаанд, маблағҳои бақияи озод, иҷрои барзиёди даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, инчунин аз ҳисоби сарфаи моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, азнавтақсимкунии моддаҳои дигари хароҷот, маблағҳои захиравии буҷети давлатӣ ва маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ таъмин намоянд. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати норасоии маблағ барои фонди музди меҳнати кормандони ташкилотҳои соҳаҳои буҷетӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, маблағгузории онро аз ҳисоби маблағҳое, ки дар буҷети ҷумҳуриявии соли 2024 барои ислоҳоти музди меҳнат пешбинӣ шудаанд, маблағҳои захиравии буҷети ҷумҳуриявӣ ва сарфаи хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин намояд.

6. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои қарори мазкур то ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2024 аз қабули буҷетҳои иловагӣ худдорӣ намуда, барзиёдии даромади буҷети маҳаллиро сарфа ва мақсаднок барои пардохти зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд.

7. Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои саривақтии қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешанд, аз ҷумла Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади бартараф намудани номутаносибии музди меҳнати кормандони миёна, хурди тиб ва кормандони дигари дараҷаҳои 3, 4, 5, 6 ва 7 зиёдшавии музди меҳнатро дар ҳаҷми 40 дарсад муқаррар намояд.

8. Вазорату идораҳои соҳавӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон дар ҳолати зарурат тартибу дастурамалҳои худро оид ба пардохти музди меҳнат бо дарназардошти зиёдшавии он дар таҳрири нав таҳия ва тасдиқ намоянд.

9. Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар ҳисобкунии музди миёнаи меҳнатро барои пардохти руҳсатиҳои меҳнатӣ, кумакпулӣ ҳангоми аз кор рафтан, кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва ҳолатҳои дигари марбут ба пардохти музди миёнаи меҳнат (ба ғайр аз нафақа) тибқи Тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнати корманд дар ҳамаи ҳолатҳо (пардохти кафолатнок ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ҳангоми пардохти музди муҳлати рухсатӣ, ҳангоми пардохти музди меҳнати давраи гузаронидан ба кори дигар), ба ғайр аз музди миёнаи меҳнат ҳангоми таъйин намудани нафақа, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, № 313 тасдиқ шудааст, амалӣ намоянд.

10. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, № 671 тавассути воситаҳои ахбори омма тадбирҳои амалӣ андешанд.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**



**Бори бистум аст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (28 декабри соли 2023) Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид. Дар доираи ин санади муҳими сол воқеияти давлатӣ, сиёсӣ, таърихӣ, мафкуравӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ кишвар таҳлилу баррасӣ ва дурнамои рушди кишвар муайян гардида, миёни доираҳои илмию фаннӣ, қишрҳои иҷтимоӣ, сиёсию маданӣ ва зиёӣ ҳамовозиро ба вуҷуд овард.**

## АСАРИ МУКАММАЛУ БОАРЗИШИ ИЛМӢ

**Фарҳод РАҲИМӢ, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ,**
**президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик**

Таҳлили илмии ин Паём ва паёмҳои қаблии Президенти кишвар собит менамояд, ки ҳар як Паёми Сарвари давлат як асари мукаммалу боарзиши илмӣ аст, ки дар он ҳам гузориши масъала, ҳам таҳлил, қиёс, масъалагузорӣ, пешниҳоди роҳи ҳал, натиҷабардорӣ, хулоса ва ояндабинии илмӣ мавҷуд аст ва дар он ба пуррагӣ ва мураттабӣ риоя мегардад.

Ҳамин тавр, Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун асари илмии мукаммал, тамоми самтҳои ҳаёти кишварро дар бар гирифта, дар он ҳам даъватҳои ҳувиятсоз буданду ҳам маслиҳату машваратҳои муҳим дар роҳи нигаҳдошту рушди арзишҳои инсонию миллию соҳибистиқлолии кишвар.

Масъалаи фароҳам овардани имконияти буҷет барои рушди инфрасохтори маърифатию маданӣ дар мадди назари махсуси Сарвари давлат буда, дар Паём зикр гардид, ки хароҷот барои илму маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,6 миллиард сомонии соли 2017 ба 18,5 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расонида шуд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба шахси омӯзгор, ки субъекти асосии раванди маорифи мамлакат маҳсуб шуда, дар айни замон, шахсияти мафкурасоз ба шумор меравад, дар раъси тамоми суханрониҳои Сарвари давлат, аз ҷумла дар Паёми навбатӣ, қарор дошт.

Ҳанӯз дар Паёмашон аз 23 декабри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи мафкурасозӣ, раванди давлатсозии миллӣ ва пайванди мундариҷавии сохтмони давлат ва ҷомеаро бо шахсияти омӯзгор дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода таъкид карда буданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф намуда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа, оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар Паёми навбатӣ низ ин масъала ва мушкилоти соҳаи илму маориф бори дигар ҳадафмандона мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, аз ҷумла Сарвари давлат таъкид карданд: «Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳими низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурӣро амалӣ менамоем. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдом, пеш аз ҳама, дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардондани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд намуд, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».

Дар Паём аз тариқи таҳлили қиёсӣ Сарвари давлат вазъу ҳолати илму маорифи ватаниро мавриди арзёбӣ қарор доданд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки соли 2017 низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас, дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар расидааст. Тибқи дурнамо, ин шумора то соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад. Тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад. Дар ин раддабандӣ мамлакати мо миёни 183 кишвари тахти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд.

Президенти кишвар бо назардошти авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ишора фармуданд, ки низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа кафили сулҳу субот ва амнияту осоиши ҳар миллат, аз ҷумла миллати тоҷик, аст. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад. Дар бобати рушди соҳаи илми ватанӣ Сарвари давлат Вазорати маориф ва илмро муваззаф намуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намуда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Эътибори аввалиндараҷа зоҳир кардан ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим ба унвони масоили калидӣ дар Паём таъкид гардиданд.

Бояд гуфт, ки Пешвои миллат дар ҳар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи занону модарон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, барои беҳтар кардани шароити кору зиндагии онҳо тадбирҳои амалӣ меандешанд. Аз ҷумла, дар Паёми имсола нисбат ба Модар суханони пурмуҳаббатро иброз доштанд, зеро модар мазҳари меҳру муҳаббат ва мураббии аввалини фарзанд аст. Аз ин рӯ, модарро ба фаришта ташбеҳ додаанд, зеро аз домони модари тоҷик фарзанди барӯманд ва тоҷики оламшумул ба воя расидааст, ки барои имрӯзу фардои дурахшони Тоҷикистон сарбаландона дар хидмат аст.

Тавре ки медонем, Сарвари давлат дар суханронию мулоқот, аз ҷумла паёмҳояшон, ба гиромидошти таъриху фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи махсус менамоянд, ки аз эҳтироми самимӣ доштани Сарвари давлат ба таъриху фарҳанги миллӣ шаҳодат медиҳад. Беҳуда нест, ки Сарвари давлат фарҳангро дар мақоми «ҳастии миллат» шинохтаю муаррифӣ карда, ҷиҳати рушди ин соҳаи маънавиятсоз тадбирҳои судманд меандешанд. Ба ин маъно, Президенти мамлакат дар доираи Паёми навбатӣ масъалаи ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангиро матраҳ карда, аз ҷумла таъкид карданд, ки соли 2023-юм 15 ёдгории таърихию фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид. Зимни ироаи Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зарурати ҳифзи ёдгориҳои таърихию маданӣ таъкид намуда, пешниҳод карданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида - Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ таъсис дода шавад. Сарвари давлат афзуданд, ки Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин, рушди соҳаи сайёҳӣ таъсис дода мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## Ба таваҷҷуҳи муаллифон!

**Идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мутобиқи тартиби муқарраршуда минбаъд матлабҳоро дар ҳаҷми то чор саҳифа, бо ҳуруфи андозаи 14 Times New Roman Tj, интервали 1,5 қабул менамояд.**

## Абдуҳамид ҚАЮМОВ:

# «ҲОЛАТИ ПИРЯХҲО БОЯД АЗ НИГОҲИ ИЛМӢ ОМӮХТА ШАВАД»

**Сеюми январи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» имзо гузоштанд. Дар Тоҷикистон чанде пеш бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ташкил шуд, ки ҳоло олимону мутахассисони он фаъолияти илмӣ-татқиқотиро пеш мебаранд. Хабарнигори рӯзнома дар иртибот ба ин мавзуъ бо директори муассисаи мазкур, академики Академияи байналмилалии илмҳои экологӣ ва бехатарии ҳаёт, профессор Абдуҳамид Қаюмов ҳамсуҳбат шуд:**



**- Хоҳишмандам, назаратонро роҷеъ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» баён кунед.**

- Қабули ин қонун, албатта, як дастоварди калон ва амри зарурист. Он раванди фаъолияти ниҳодҳои марбутаро вобаста ба мавзуи муҳими рӯз, яъне ҳифзи пиряхҳо танзим мекунад. Олимону мутахассисони марказ ва умуман, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ дар таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур саҳмгузоранд. Олимону мутахассисони академия, махсусан Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо» вобаста ба омӯзишу таҳқиқи пиряхҳо корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд ва тадқиқотҳои бунёдии пиряхҳоро ба роҳ монда, мактаби илмии пиряхшиносии тоҷикро ташкил намудаанд.

**- Вобаста ба вазъи мавҷуда олимону мутахассисони марказ нисбат ба омӯзиши пиряхҳо чӣ корҳоро анҷом медиҳанд?**

- Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ ягона муассисаест, ки маълумоти илмӣ дорад. Мо танҳо дар панҷ соли фаъолият «Каталог-Атласи пиряхҳои Тоҷикистон»-ро дар ҳаҷми 12 ҷилд омода кардем ва инак, ҷилди аввали он ба нашр расид, ки ба системаи пиряхҳои Федченко бахшида шудааст. Ин кори хеле заҳматталабу масъулиятнок аст. «Каталог-Атласи пиряхҳои Тоҷикистон» дар ҷаҳон нодир ва ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ аст. Ҳама талаботи каталогсозиро ба инобат гирифта, барои таҳияи ин атлас аз технологияи нав, яъне картографияи муосир истифода кардем. Дар ин радиф таъкид мекунам, ки тадқиқотҳои илмӣ бояд як низом дошта бошад. Таи солҳои охир мо ба дастовардҳои муайян ноил шудем. Аз ҷумла, Шабакаи нодири мониторинги пиряхҳо дар баландиҳои 3500-4800 метр аз сатҳи баҳр насбшударо ташкил кардем, ки чунин шабакаҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ангуштшумор аст. «Феҳристи истилоҳоти пиряхшиносӣ» ва китоби «Пиряхҳо, истилоҳот ва тавзеҳот»-ро нашр намуда, ҳамзамон, маҷмӯаи «Иқтибосҳо аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар раванди тағйирёбии иқлим»-ро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия карда ба чоп расондем. Дар давоми фаъолият марказ зиёда аз 60 экспедитсияи илмӣ-таҳқиқотӣ гузаронд, ки дар тамоми давраи шӯравӣ чунин шумораи экспедитсияҳо ташкил нашуда буданд. Тадқиқотҳои моро дар сатҳи байналмилалӣ эътироф мекунанд. Мо пиряхро аз молекула то сатҳи системаи пиряхҳо ва оби аз он ҷоришаванда таҳлил мекунем. Айни ҳол «Барномаи давлатии омӯзиши пиряхҳо то соли 2030»-ро аз нав дида баромада, татбиқи ин барномаро дар ду марҳила, яъне солҳои 2023-2026 ва 2026-2030 муайян кардем.

Дастовардҳои марказ доир ба иҷрои «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» низ назаррас мебошанд. Дар ин бахш се ҳуҷҷат: консепсия, нақшаи чорабиниҳо ва барномаи гузарондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва экспедитсионӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба чоп расондем Ин ҳуҷҷатҳо инчунин, дар сомонаи марказ гузошта шудааст, то ба ҳама дастрас бошад.

**- Соли 2023 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастовардҳои назаррас дар самти рушди илми пиряхшиносӣ бо Ордени «Шараф» дараҷаи 2 сарфароз гардидед, ки ин ҳам аз фаъолияти назарраси Шумо дарак медиҳад.**

- Бале, ин ҳам натиҷаи дастгирӣ ва ғамхориҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

**- Маълум аст, ки гирифтани пеши роҳи тағйирёбии иқлим имкон надорад. Барои кам кардани таъсири он, аз ҷумла обшавии пиряхҳо, чӣ кор бояд кард?**

- Бояд тадбирҳо андешид, то шиддати баъзе ҳолатҳои табиат паст ва таъсири онҳо камтар шавад. Илми креосфера зиёда аз сад сол аст, ки оид ба нигоҳ доштани пиряхҳо корҳоро анҷом медиҳад. Масалан, дар Сибир, Антарктида ва дигар минтақаҳои сайёра ба тариқи сунъӣ пиряхҳоро зиёд мекунанд. Дар Сибир роҳҳо ва биноҳоро, ки дар болои яхбандиҳои доимӣ сохта шудаанд, нигоҳ медоранд. Дар Антарктида бо ин усул барои сохтани таваққуфгоҳи киштиҳои калонҳаҷм бандарҳои сунъӣ месозанд. Бандарҳои сунъии яхин нисбат ба бандарҳои табиӣ устувортар ва бехавф мебошанд. Дар ин замина аз усулҳои физикӣ, химиявӣ ва биологӣ истифода бурда мешавад. Барои пиряхҳои бузурги мо ё ҷаҳонӣ усули биологӣ мувофиқ аст, яъне дарахтзор кардани мавзеъҳои наздик ба пиряхҳо. Ин таҷриба дар Тоҷикистони мо мавриди истифода қарор дорад. Дар ин раванд ду давлати ҷаҳон - Тоҷикистон ва Италия пешсаф ҳастанд. Дар Швейтсария бошад, болои пиряхҳоро, ки теъдоди онҳо кам аст, бо матоъ мепӯшонанд. Албатта, бидуни таҳлил ва пешниҳодоти илмӣ ин роҳандозӣ шуда наметавонад.

Мо омодаем дар ин самт бо ниҳолпарварон, боғдорон ва ҷангалпарварон ҳамкорӣ кунем. Ҳоло дар ағбаи «Шаҳристон» як нафар аз ноҳияи Айнӣ ҷангалзор бунёд карда истодааст. Вай ба мо муроҷиат кард, ки дар ин бобат ба ӯ кумак расонем, як татқиқот гузаронему таҳлили илмӣ кунем. Дар ноҳияи Ванҷ дарёи Абдуқаҳҳор сел пулро вайрон кардааст. Бинобар ин, одамон имкони камтар ба дигар тарафи соҳили дарё гузаштан доранд. Дар пойгаҳи пиряхи Кашолаях як дарахтзори бузург пайдо шудааст ва ин ба он оварда расонд, ки дарғотҳои пештар, ки дар ин пирях буданд, хурд ва ҳолати пирях дигар шуд. Ин ҳолат зери назорату татқиқоти мо қарор дорад. Яъне, ҳар як раванд бояд таҳлил ва хулосаҳои илмӣ дошта бошад.

**- Барои пешбурди фаъолияти илмӣ-татқиқотӣ шароити корӣ чӣ гуна аст?**

- Аз ҷиҳати таъминот бо мутахассисон, асбобу анҷом, яъне потенсиали техникӣ мо мушкилӣ надорем. Ҳатто баъзе кишварҳои Аврупо чунин технологияро надоранд ва дастовардҳои моро ба назар гирифта, МАГАТЭ пешниҳод кард, ки маркази пиряхшиносии мо бояд оид ба татқиқотҳои изотопӣ маркази минтақавӣ бошад. Зиёда аз 60 нафар коргар дорем, ки онҳо дар панҷ шуъба фаъолият мекунанд. Мо пиряхҳоро тавассути маҳвора зери назорат гирифтаем, яъне аз ҳолати онҳо тайи солҳои гуногун ва имрӯз огоҳ ҳастем. Ҳоло лабораторияи изотопӣ дорем ва дар он оби дарёро муайян мекунем, ки оби он аз ҳисоби барфи имсола аст ё порсола. Инчунин, хусусиятҳои хоси пирях ва обҳои аз ин пиряхҳо шорандаро муайян мекунем, ки захираҳои обиро аз нуқтаи назари бунёдӣ омӯзем ва пешгӯӣ намоем.

Дар Конференсияи 28-уми байналмилалӣ, ки дар Дубай гузашт, баромадкунандагон қайд карданд, ки солҳои охир пешгӯиҳои вобаста ба обнокии дарёҳо ба ҳақиқати ҳол ҷавобгӯ нестанд. Сабабаш дар он аст, ки ин пешгӯиҳо солҳои 30-40-уми асри гузашта коркард шуда буданд. Ҳозир, мо ба тариқи моделсозӣ, ҳам тариқи маҳворагӣ ва ба воситаи ҳавопаймоҳои бесарнишин мушоҳида карда пешгӯӣ (хулоса) мекунем, ки чӣ қадар об аст. Дар яке аз шумораҳои маҷаллаи «Криосфера» мо таҳлилу пешгӯиҳои худро ба чоп расондем, ки дар асоси технологияи муосир чӣ хел вазъи об, мавқеъ ва ҳолати онро муайян кардан мумкин аст ва вобастагии инкишофи гидроэнергетика ва ҳолати пиряхҳоро дар ду маҷаллаи дигар ба чоп расондем. Ҳамаи ин далели он аст, ки ба шарофати сиёсати созанда ва хирадмандонаи Сарвари давлат ва дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин дастовардҳо ноил шудем.

**- Иттилоъ гирифтем, ки ба наздикӣ муассиса боз соҳиби дастгоҳҳои нави замонавӣ гардид?**

- Дар доираи татбиқи лоиҳаи миллии Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) TAD7004 - «Ташаккули иқтидори миллӣ барои арзёбии ҳолати пиряхҳо ва қабати барф дар шароити тағйирёбандаи иқлим» ба муассисаи мо хроматографи ионӣ дастрас гардид. Ҳадафи лоиҳаи TAD7004 омӯзиш, арзёбӣ ва муайян намудани равандҳои гидрологии таназзули пиряхҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Лоиҳаи мазкур ба афзалиятҳои миллӣ оид ба самти пешбурди устувории экологӣ ва идоракунии бомароми захираҳои обӣ, ки дар «Стратегияи миллии рушд то соли 2030» дарҷ шудаанд, ҳамаҷониба мувофиқат менамояд. Татбиқи чунин лоиҳаҳо ва истифодаи технологияҳои нави таҳлил ва мониторинги таназзули пиряхҳо барои чен намудани ҷараёни об дар дарёҳои пиряхҳои Тоҷикистон, инчунин, барои моделсозӣ, пешгӯӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба коҳиш додани таъсири иқлим зарур аст. Агентии байналмилалии неруи атомӣ (АБНА) тасмим гирифтааст, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи зикршуда омодасозии кадрҳои Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро низ идома дода, ба ин васила, иқтидори миллии илмиро инкишоф диҳад. Дар ин робита, мехоҳам изҳор намоям, ки маҳз бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис ёфта, дар доираи он таҳқиқотҳо ва таҳлилҳои гуногуни илмӣ дар соҳаи омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳои мамлакат гузаронда мешаванд, ки дар ҷаҳон камназиранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ташаббусҳои ҷаҳониаш, хусусан бо иқдоми панҷуми Ҷаноби Олӣ - эълон шудани «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» шароити мусоидро барои пешбурди фаъолияти илмӣ дар соҳаи пиряхшиносӣ фароҳам овардааст.



**Мусоҳиб**
**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# ПАЁМ - ОМИЛИ МУҲИМИ ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ

**Дар ҷаҳони муосир коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хавфнок буда, дар рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии давлатҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамояд. Аз ин лиҳоз, дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муборизаи мунтазам бо ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ба мақомоти дахлдор, бахусус, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳо дода мешаванд.**

Дар иртибот ба созмон ёфтани Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2007) Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 30-юми апрели соли 2007 ёдовар шуда иброз доштанд, ки «ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти назоратӣ, бартараф намудани тафтишҳои молиявии дубора ва такрори вазифаҳо, беҳтар намудани мубориза бо коррупсия Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис ёфт». Дар ин замина, Сарвари давлат Ҳукумати кишварро муваззаф намуданд, ки ҷиҳати бо фаъолияти сохтори навтаъсис мутобиқ гардондани қонунгузории амалкунанда чораҳои зарурӣ андешида, онҳоро ба баррасии парламент пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, бобати мушаххас намудани самтҳои фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 20-уми марти соли 2008, таҳти №374) ва дигар санадҳои қонунгузорӣ қабул гардид.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2010 тариқи қонунгузорӣ пешгирӣ кардани омилҳои коррупсионӣ тавассути гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии қонунҳо, баланд бардоштани сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо махсус таъкид мешавад. Инчунин, Сарвари давлат дар ҳамин Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ зарур донистанд, ки ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул карда шавад. Дар натиҷа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия ва ҷонибдорӣ шуда, 28-уми декабри соли 2012, таҳти № 925 имзо гардид. Қонуни мазкур фарогири 3 боб ва 17 модда буда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузарондани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танзим менамояд.

Ҷиҳати тақвият додани ҷараёни муқовимат ба коррупсия 30-юми апрели соли 2010, таҳти №864 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2010, таҳти №431 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» тасдиқ карда шуд. Ҳамзамон, 14-уми декабри соли 2010, таҳти №968 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Дар алоқамандӣ ба қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда ва таъсис ёфтани Шурои миллии муқовимат ба коррупсия Роҳбари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 20-уми апрели соли 2011 қайд намуданд, ки «бо дарназардошти муҳимияти масъала соли гузашта (соли 2010) бо фармонҳои Президенти Тоҷикистон тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия қабул гардида, Шурои миллии муқовимат ба коррупсия таъсис дода шуд, ки дар асоси санадҳои зикршуда масъулияти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар соҳаҳои мухталиф ба зиммаи роҳбарони аввали вазорату идораҳо ва мақомоти давлатӣ гузошта шудааст.

Ҳоло зарур аст, ки иҷрои санадҳои мазкур ва дигар чораҳои дар ин самт пешбинигардида сари вақт таъмин карда шавад, то ки натиҷаи онҳо дар ҷомеа эҳсос гардад. Илова бар ин, таъкид месозам, ки дар кори мубориза бо коррупсия ғайр аз мақомоти давлатӣ ҳар як фарди ҷомеа низ бояд саҳмгузор бошад».

Қобили ёдоварист, ки Созмони Милали Муттаҳид 31-уми октябри соли 2003 Конвенсия бар зидди коррупсияро қабул кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба конвенсияи мазкур 25-уми сентябри соли 2006 имзо гузошт ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ намуд. Бинобар ин, Тоҷикистони соҳибистиқлол уҳдадориҳое, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия бармеоянд, иҷро менамояд. Дар ин иртибот, Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба (20-уми апрели соли 2011) махсус таъкид доштанд, ки «Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд саҳми Тоҷикистонро дар иҷрои уҳдадориҳое, ки аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид доир ба мубориза бар зидди коррупсия бармеоянд, мусбат арзёбӣ намудааст».

Тибқи тартиби муқарраршуда бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2008, таҳти №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» ба тасвиб расид.

Бинобар ба охир расидани мӯҳлати «Стратегияи мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013 таҳия ва пешниҳод кардани «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» масъалагузорӣ шуд. Дар ин замина, Сарвари давлат таъкид карданд, ки «пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия дар оянда низ ҳамчун яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад».

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2013 таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» тасдиқ гардид. Ин стратегия ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати давлат дар самти муқовимат ба коррупсия, ҷиҳати паст намудани шиддат ва сатҳи коррупсия дар мамлакат нақши муҳим бозид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии мамлакат 26-уми декабри соли 2018 бори дигар вобаста ба масъалаи мубориза ба муқобили коррупсия сухан намуданд ва дар назди субъектҳои муқовимат ба коррупсия вазифаҳои нав гузошта, ҳамзамон, дар таҳрири нав таҳия намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»-ро таъкид карданд. Дар натиҷа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» 7-уми августи соли 2020 таҳти №1714 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи амалисозии «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» барои паст кардани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Инчунин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021 таҳти №222 «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардид.

Қобили тазаккур аст, ки таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар хизматчиёни ҳарбии кишвар дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми декабри соли 2022 аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шуд. Ҳамзамон, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2023 супориш доданд, ки аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад.

Дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30-юми декабри соли 2023 таҳти №668 қабул гардид. Мақсади асосии фармони мазкур аз баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Зимнан, бояд гуфт, ки мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ҳамчун мақоми ҳифзи ҳуқуқ, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат саҳм мегузорад.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**корманди Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# АСАРИ МУКАММАЛУ БОАРЗИШИ ИЛМӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ рушди минбаъдаи саноати ватаниро аз ҷумлаи авлавиятҳои сиёсати давлатӣ унвон карда, дар ин замина тазаккур доданд, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи саноати мамлакат солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон гардид, ки барои амалӣ намудани ин иқдом дар муддати 2 соли охир беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо фарогирии 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Сарвари давлат, аз ҷумла, зикр карданд: «Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд дорад, ки бояд бартараф шаванд».

Ба таъкиди Сарвари давлат, «соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд. Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаю барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шавад». Президенти мамлакат дар ин замина фармуданд, ки вобаста ба масъала ва мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки доир ба такмили низоми омода намудани мутахассисон барои бахши воқеии иқтисодиёт, бо назардошти афзалиятҳои соҳавӣ, таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, агросаноатӣ ва хизматрасонӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

Сарвари давлат дар заминаи сохтмони иншооти аср - НБО «Роғун», ки аз ҷумлаи иншооти бузурги саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад, изҳор доштанд: «Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем. Ҳоло дар ин иншооти муҳими аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3500 техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд». Дар идома Сарвари давлат афзуданд, ки бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ ихтисос дода шуд.

Тавлид ва истеҳсоли барқ дар садри барномарезиҳои давлатӣ қарор дорад. Ин аст, ки Сарвари давлат дар Паём аз рушди энергетикаи ватанӣ дар замони соҳибистиқлолӣ сухан ба миён оварда, бамаврид таъкид карданд, ки соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт-соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт-соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба муҳимияти масъала Сарвари давлат чанд нуктаи калидиро таъкид намуданд, ки дар қолаби 6 пешниҳоди судманди ихтисосӣ ироа гардид. Ҳамин тариқ, Президенти кишвар барои расидан ба аҳдофи стратегӣ дар самти энергетикаи ватанӣ коргирӣ аз механизмҳои зайлро зарурӣ донистанд:

«Якум: бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунандаро бомаром идома дода, корҳо дар самти дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди «энергияи сабз» ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар вусъат дода шаванд.

Дуюм: барои беҳтар кардани таъминоти аҳолии кишвар бо барқ ва рушди соҳаи истихроҷи маъдан ва саноати металлургия суръати корҳои асосноккунии техникӣ ва лоиҳакашии неругоҳҳои барқи обии «Шуроб» бо иқтидори 1000 мегаватт дар дарёи Вахш, «Санобод» бо иқтидори то 500 мегаватт дар се марҳала дар дарёи Панҷ – қисмати ноҳияи Рӯшон ва «Чарсем» дар дарёи Ғунди ноҳияи Шуғнон бо иқтидори 14 мегаватт, бо дарназардошти бунёди хати интиқоли барқ ва дигар инфрасохтори зарурии интиқол ва тақсимоти барқ тезонида шавад.

Сеюм: дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хати интиқоли барқи CASA–1000 ва азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт/соат афзоиш додани содироти неруи барқ тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Чорум: ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 фоизи талафот татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ин самт таъмин гардида, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳалли ин масъала дар шаҳру ноҳияҳои кишвар вусъат бахшида шавад.

Панҷум: бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқи обӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

Шашум: корҳо дар самти гузариш ба таҷҳизоти каммасрафи барқӣ дар иншооти иқтисодию иҷтимоӣ ва истеҳсолию коммуникатсионии мамлакат ва риояи маданияти баланди истифодаи неруи барқ аз ҷониби аҳолӣ тақвият бахшида шаванд».

Инчунин, Сарвари давлат хулоса карданд, ки бо амалисозии тадбирҳои мазкур то соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад.

Зимни иртибот гирифтан ба масоили ҳуқуқӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора карданд, ки қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бояд тамоми саъю кӯшишро ба ин самт равона созанд. Сарвари давлат дар ин замина пешниҳод намуданд, ки бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар мамлакат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардад. Дар ин замина, дастур дода шуд, ки тамоми сохтори мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд ҳамаи захираю имкониятҳоро ҷиҳати таъмини тартибот ва волоияти қонун барои соли 2024, ки 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд. Вобаста ба ин, Сарвари давлат фармуданд: «... аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад».

Дар бахши хулосавии Паёмашон Сарвари давлат чун лидери сиёсию миллӣ бо рӯҳияи баланди давлатдорӣ фармуданд: «Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем… Ман ба ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, нияти неку азми қатъӣ ва саъю талоши созандаи мардуми шарафманди Тоҷикистон эътимоди комил дорам».

Дарвоқеъ, он чӣ ки дар қолаби Паём, чун як барнома-стратегияи давлатӣ аз ҷониби Сарвари давлат ироа гардид, мардуми шарифи Тоҷикистони азизро муваззаф месозад, ки дар роҳи рушду тавсеаи иқтисоди ватанӣ, ҳифзи манофеи миллӣ, устувории давлати дунявӣ ва пойдории ваҳдати мардумию суботи сиёсӣ қадамҳои устувор бардорем ва бо ташаббусу ибтикороти рӯзмарраи хеш то ба сатҳи зиндагии боз ҳам арзандаю шоиста бирасем.



# КАМТАРИН СУЛҲ БЕҲ АЗ ҶАНГ АСТ

**Барои ҳар фарди солимақл, алалхусус мардуми одии заҳматкаш, аз сулҳу субот дида неъмати волотаре нест. Ҳар гоҳе дар кӯчаю хиёбонҳои дар шукӯҳу зебой шинохтанашавандаи шаҳр ба модарони бо тифлакони хушбахту хандонрӯ озодона дар сайругашт, чеҳраҳои болидаи духтарча ва писарчаҳои дӯстрӯяки мактабхон назар мекунам, хеле меболам ва дар ин лаҳзаҳо беихтиёр хаёл маро ба мамлакатҳои дар гирдоби ҷанг қарордошта мебарад: ҳоли зори мардуми бечора, чеҳраҳои даҳшатзадаи тифлакон пеши назар меояд ва такрор ба такрор шукри сулҳу суботи кишвар мекунам.**

Аз ин лиҳоз, дар баробари аксарияти мардуми кишвар, нисбат ба маъракаи густурдаи иғвоангезонаи хоинони миллат бетараф буда наметавонам. Дар кашмакашиҳои дохилӣ додари 18-солаамро аз даст додаам, ки ғаму андуҳи гарони марги кенҷаписар баъд аз соле падарро низ аз байни мо рабуд. Бо хатми ҷанг, ба сулҳу салоҳ расидан, барқарории Ҳукумати конститутсионӣ дар Тоҷикистон бо душворӣ ҳам бошад, он ҳама даҳшату мушкилотро пушти сар намудем. Имрӯз дар қатори дигар ҳамватанон бо фарзандону наберагон дар хонаҳои ободи худ ва озодона пушти кору зиндагӣ ҳастем.

Ба шарофати корҳои ободонию созандагие, ки асосан, аз даҳсолаи дуюми давраи соҳибистиқлолӣ шурӯъ гардид, Тоҷикистони азиз ба таври шинохтанашаванда симояшро дигар кард. Ин ҳама талошу мубориза͏ҳо тӯли 32 соли соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардиданд. То давраи истиқлоли давлатӣ қариб, ки Тоҷикистонро дар ҷаҳон намешинохтанд. Бо шарофати хиради азалӣ формулаи сулҳи дар ҷаҳон беназири тоҷикон, азму ватандӯстии мардуми шарифи кишвар, ташаббусҳои дар сатҳи олии Роҳбари давлати тоҷикон аз минбари баланди созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ имрӯз номи тоҷику Тоҷикистон дар тамоми сайёра машҳур аст. Ҳатто меҳмонону сайёҳони хориҷӣ ҷумҳурии моро аз амнтарин кишварҳои минтақаю ҷаҳон арзёбӣ ва интихоб менамоянд.

Мутаассифона, бо гузашти се даҳсола ба ҷои ислоҳу аз пайи тинҷию корҳои созандагӣ шудан як гурӯҳ асолатбохтагон, ки сабабгори бадбахтиҳои миллат гардида буданд, дар кишварҳои манфиатхоҳ паноҳ бурда, бисёр берӯёна, ба туҳмату таҳқири давлату Ҳукумати қонунии кишвар машғуланд. Бо обу ранг додани камбудиҳои ҷузъӣ, мунофиқона аз номи миллат ва дину мазҳаб баҳри амалӣ гардидани мақсадҳои ифлоси худ сӯиистифода менамоянд. Бо дастгирии душманони миллат он айёми пурошӯб ба ном «ватандорон» орзуи дар Тоҷикистон таъсис додани сохти исломиро дар сар мепарвариданд, ки мақсадашон на ободии Ватан ва на хушбахтии мардум, балки ба даст овардани қудрат буду халос. Ин тоифаи сиёҳдил шабу рӯз зӯр зада, бо туҳмату навиштаҳои бофта сиёҳ кардани сиёсати роҳбарияти кишвар аз худ ғамхор ва пуштибони манфиатҳои миллӣ нишон доданӣ мешаванд, ҳол он ки онҳо бо рафтору гуфтор, амалҳои зишту дур аз фаросати инсонӣ то ба имрӯз ба обрӯи миллату давлат латма ворид месозанд. Ба ҷои ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар вазъияти буғранҷи авзои сиёсии ҷаҳон бо душманону бадхоҳони миллати тоҷик ҳамсангар мегарданд.

Аз андаке ҳаводиси ногувори хоҳ табиӣ бошад, хоҳ иҷтимоӣ, табли шодӣ мезананд. Гӯё мардуми Тоҷикистон намедониста бошанд, ки ин худбохтагону сиёҳдилон худ кистанду чӣ донишу малака, мақсаду фаросате доранд ва дар кишварҳои бегона бо айшу ишрат зиста, аз кадом ҳисоб ва бо чӣ мақсаде сармоягузорӣ мегарданд? Аз баромадҳояшон дар кадом сатҳ қарор доштани фаҳмишу дониш ва фаросаташон низ маълум аст. Бо номҳои «Паймони миллӣ», «Гурӯҳи 24», «Ватандор» барномаҳо тарҳрезӣ мекунанд. Дар асл бошад, далелаке оварда наметавонанд, ки барои ободию пешрафти Ватан чӣ кореро анҷом додаанд? Ҳоло қариб давлате нест, ки мухолифони сиёсии худро надошта бошад, аммо аксари онҳо фаъолияти созандагиро пеш мебаранд ва манфиатҳои сиёсии худро болотар аз манфиатҳои давлату миллаташон намегузоранд. Дар лаҳзаҳои зарурӣ душманони давлату миллаташонро ҷонибдорӣ намекунанд. Дар тааҷҷуб аз ин худхондаҳо мешавам. Хушбахтона, миллати тоҷик хуб дарк мекунад, ки мурод аз ин ҳама ҷонкоҳонии ин гуна афроду гурӯҳҳои худбохтаю ватанфурӯш сирф дубора ноором сохтани ҳаёти осоиштаи мардуми кишвар мебошаду бас. Бо сӯиистифода аз камбудию нуқсонҳое, ки дар дилхоҳ ҷомеа мавҷуданду мардум хуб онҳоро дарк мекунанд ва вақту соати ҳаллу ислоҳи худро доранд, аз худ дилсӯзи миллату Ватан сохтанӣ мешаванд. Лекин ҷои мушкилию фаҳмиданӣ надорад, ки зери он ҳама шиорҳои зебои чун нақшу нигори ҷисми мор нешу заҳр нуҳуфта аст. Аз адолату демократия сухан ронда, ин тоифаи худбохта дилхоҳ арзи матлаби ба фоидаашон набударо фармоишӣ, хушомаду тақаллуб арзёбӣ ва вонамуд карданӣ мешаванд, гӯё ҷуз онҳо дигар касоне, ки назари худро баён медоранд, ноҳақ ҳастанд.

Дар сангари манфиатҳои миллӣ мавқеъ доштан дар ҷанги иттилоотиро иҷрои қарзи касбӣ ва шаҳрвандии худ медонам. Мӯи худро дар кори матбуот сафед намуда, ҳама файзу баракати зиндагиро аз шарофати заҳмати ҳалол соҳиб гардидаам. Ягона умеду орзу ва хушбахтиам оромию осудагии ҳамешагии Ватан асту бас. Бинобар ин, ҳамчун шоҳиди бевоситаи он солҳои мудҳиш дар Тоҷикистон, бахусус ба ҷавонони миллат, гуфтаниам, ки зинҳор ба ҳарзаҳои хоинону душманони миллат фирефта нагарданд, зеро бо Ватан дар ҷанг будан ҷанг бо модари худ аст ва он ҷиноятест, ки авф надорад! Ватандорӣ ва ватансозӣ бо дурӯған худро «Ватандор» баҳогузорӣ намудан намешавад. Ватанро ҳамоне обод карда метавонад, ки ободиро мехоҳад, ободиро дида метавонаду қудрати фаҳмидани ободиро дорад ва дорои ботини солим, пиндори нек, гуфтори созанда ва кирдори намунавӣ аст.

Имрӯз қариб, ки кулли ҷаҳон маҳз бо дасти чунин унсурҳои дасисабоз дар ҳолати хеле бади ноамнӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, қувваҳои заҳҳокӣ бо истифода аз гурӯҳҳои ҷиноии кишварҳои ҳамсояҳои наздик нияти дубора ба гирдоби ҷанг кашидани кишвари азизи моро доранд.

Бинобар ин, фурсати он омадааст, ки мо, мардуми кишвар, боз ҳам зичтар дар атрофи роҳбарияти давлату Ҳукумат муттаҳид гардида нагузорем, ки душманону хоинони миллат ба мақсадҳои нопоки худ расанд, сулҳи деринтизору гаронарзишро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем, чунки мегӯянд: «Камтарин сулҳ беҳ аз ҷанг аст».

**Мирзо РУСТАМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

Номаҳои бетаҳрир

# ОШХОНА Ё ДИСКОКЛУБ?

**Дар шаҳраки «30-солагии Истиқлолият»-и ноҳияи Файзобод, дар паҳлуи Беморхонаи бемориҳои сироятӣ ошхона ҷойгир аст, ки солҳои пеш дар он хӯрокҳои болаззат омода мекарданд. Ҳамчунин, мӯйсафедон ба он ҷо омада, чой нӯшида, рӯзномаю маҷалла мехонданд ва истироҳати бофароғат доштанд.**

Тавре дар боло ишора кардем, дар паҳлуи ошхона Беморхонаи бемориҳои сироятӣ ҷойгир буда, беморон табобат мегиранд. Мутаассифона, пас аз дигар шудани иҷорагирандагони ошхона чанде аз беморон шикоят карданд, ки аз соати 6-и бегоҳ то соати 12-и шаб садои гӯшкаркунандаи мусиқии ошхона оромии атрофро халалдор мекунад.

Чанде пеш дар ин бора ба идораи санитарӣ-эпидемиологии ноҳия чун рӯзноманигор маълумот пешниҳод кардам. Кормандони муассисаи мазкур ҳолатро санҷида, иҷорагирро огоҳ карданд, ки шабона баланд кардани садои мусиқиро хотима диҳад ва оромии беморонро халалдор накунад. Аммо аз байн як моҳ гузашта бошад ҳам, то кунун камбудии ҷойдошта ислоҳ нашудааст.

Дар ошхона нӯшокиҳои спиртӣ низ мефурӯшанд, ки дар натиҷа ҷавонон аз онҳо истифода бурда, аз эҳтимол дур нест, ки даст ба ҷиноят зананд, зеро чунин ҳолат як маротиба рух дода буд. Чанд сол пеш дар як тарабхонаи шаҳрак ҷавонон аз нӯшокиҳои спиртӣ истифода бурда, шахсеро бо корд заданд. Баъд аз ин фаъолияти тарабхона манъ карда шуд.

Чаро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод барои ҳалли масъалаи мазкур чораҳои ҷиддитар намеандешад?

**Ҳокими САФАР,**
**ноҳияи Файзобод**

# САҒҲОИ ДАЙДУ ЗИЁД ШУДААНД

**Афзоиши сагҳои дайду дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ мушкили ҷиддӣ ба шумор рафта, аз ҷониби мақомоти дахлдор бояд чораҳои муассир андешида шаванд, зеро борҳо ҳолатҳои ҳамла овардани онҳо ба сокинон дар шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнону Роштқалъа ва дигар ноҳияҳои вилоят мушоҳида гардид.**

Ба гуфтаи сокини шаҳри Хоруғ Собири Худобахш, сагони дайду, бахусус дар маркази вилоят, зиёданд.

- Бо сабаби афзоиши сагҳои дайду фарзандонам метарсанд, ки танҳо ба мактаб раванд. Маҷбурам, ки ҳар рӯз онҳоро то мактаб гусел намоям. Баъзан сагҳо ҳатто дар саҳни макотиби маркази вилоят ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ озодона гаштугузор мекунанд, - афзуд номбурда.

Тавре мудири шуъбаи Муассисаи назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилоят Ховар Марамбеков иттилоъ дод, то моҳи сентябри соли 2023-юм 99 сокини шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла аз шаҳри Хоруғ 30 нафар, ноҳияҳои Шуғнон - 28, Рӯшон - 13, Ванҷ - 19, Роштқалъа - 8, Ишкошим - 2 ва Мурғоб 1 нафар бо далели осеб дидан аз сагҳои дайду барои табобат ба беморхона муроҷиат кардаанд.

Корманди идораи байтории вилоят Мубораншоҳ Паҳлавонов изҳор намуд, ки ҳар як саги хонагӣ бояд ҳуҷҷат ё шиносномаи махсус дошта бошад, то дар он сиҳатӣ, эм шудан ва таҳти назорати байторӣ қарор доштани он, соҳиб, намуд, ҷинс, ранг, солу рақами (нишонаи) инфиродии саг, ташхис ва табобате, ки саг гирифтааст, қайд карда шавад.

Ҳамсуҳбати мо тавзеҳ дод, ки ҳорӣ навъи бемории шадиди сироятиест, ки дар натиҷаи осеби системаи марказии асаб ба амал меояд. Ҳамаи ҳайвоноти ширхӯр, паранда ва ҳам одамон ба ҳорӣ гирифтор мешаванд. Касалӣ одатан бо марг анҷом меёбад. Сироят ҳангоми газидани саги касал ба амал меояд. Паҳнкунандагони хавфноктарини ҳории одамон сагҳои дайду ва ҳории ҳайвонот бошад, асосан рӯбоҳ мебошад.

Сагеро, ки одам ё ҳайвонро газидааст, занҷирбанд кардан лозим. Онро то 12 рӯз барои муайян намудани гирифтор будан ё набудан ба ҳорӣ назорат мекунанд. Агар саг солим бошад, онро зидди бемории ҳорӣ эм кардан лозим.

Дуруст аст, ки саг дӯсти инсон мебошад, вале набояд фаромӯш кард, ки дар ҳолати беморӣ ин дӯсти мо метавонад ба саломатии соҳибаш ва ба атрофиён хатар эҷод намояд. Бинобар ин, нисбат ба саломатии ин дӯст ғамхорӣ намудан, онро аз муоинаи байтор гузаронида, эм кардан ҳатмӣ мебошад.

**М. ИМОМНАЗАР,**
**сокини ВМКБ**

# ТЕЪДОДИ САЙЁҲОНИ ХОРИҶӢ МЕАФЗОЯД

**Соли 2023 аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии вилояти Суғд зиёда аз 135 ҳазор сайёҳ, аз ҷумла беш аз 8 ҳазор сайёҳи хориҷӣ, боздид намуданд, ки ин теъдод нисбат ба солҳои қаблӣ зиёд мебошад.**

Тибқи иттилои мудири шуъбаи сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд Абдумаҷид Раҳимов, дар вилоят 41 ширкати сайёҳӣ ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ - Шурои рушди сайёҳӣ ва Ассотсиатсияи рушди сайёҳии «Зарафшон» фаъолият менамоянд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 205 хатсайри сайёҳӣ ташкил гардидааст, ки тамоми мавзеъҳои таърихию фарҳангиро фарогир мебошанд.

Дар вилоят алҳол 40 осорхона ва 1190 ёдгории таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла 97 зиёратгоҳ, воқеъ буда, аз мавзеъҳои писандидаи сайёҳон маҳсуб меёбанд.

**Мухтори АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

**«Рӯзи байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи башар, ки ҳамасола 10 декабр таҷлил карда мешавад, рӯйдоди муҳим буда, кишварҳо ва созмонҳоро дар масъалаи таҳким бахшидан ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои асосии ҳар як шахс муттаҳид месозад».**

Ин матлабро дар семинари илмӣ-амалӣ, ки дар китобхонаи марказии шаҳри Ҳисор дар арафаи рӯзи қабул гардидани Эъломияи умумии ҳуқуқи башар баргузор гардид, модератори чорабинӣ - ходими пешбари илмии шуъбаи таърих ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муҳаббат Сайидзода баён намуд.

# ОЗОД БУДАН ХОҲӢ, ҒУЛОМИ ҚОНУН БОШ!

Ӯ иброз дошт, ки бо гузашти солҳо баъд аз қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо мушкилоти нав дар соҳаи ҳуқуқи инсон рӯ ба рӯ мешавад. Аз ҷумла, терроризм, таҳдидҳои киберӣ, буҳрони муҳоҷират ва дигар омилҳо шароити мураккаберо ба вуҷуд меоранд, ки таваҷҷуҳи доимиро ба ҳифзи ҳуқуқҳои бунёдии инсон тақозо мекунанд.

- Дар кишвари мо ҳуқуқи инсон арзиши олӣ дошта, давлат ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро кафолат медиҳад. Зиёда аз ин, Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, аксари санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ба мисли Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон, Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф, Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо ва дигарҳоро ба тасвиб расонидааст, - иброз намуд М. Сайидзода.

Маърӯзачиён таъкид намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қисми якуми моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардида, кишвари мо тайи солҳои истиқлолият тавонистааст, ки сулҳу ваҳдатро пойдор намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳамчун арзиши олӣ эътироф, эҳтиром, ҳимоя ва ҳифз карда, миёни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон мақому манзалат пайдо намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз солҳои 90-уми асри XX масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакатро хеле муҳим ва мубрам ҳисобида, 9-уми апрели соли 1997 Фармон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро содир карданд. Фармони мазкур бо мақсади таъмини волоияти қонун дар ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳо қабул гардида буд.

Дар заминаи ин фармони Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то кунун мақомоти дахлдор дар ҷамоату шаҳракҳо ва коллективҳои меҳнатӣ тариқи гузарондани чорабиниҳо мардумро аз ҳуқуқҳои конститутсионияшон огаҳ месозанд, то ки онҳо дар мавридҳои зарурӣ тавонанд аз ҳуқуқҳои хеш дифоъ намоянд.

**Сайидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**

# *Розҳои Ҳошим Гадо*

Калимаи муросоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш макун, чунки ин калима манфиатовар аст. Пас, муросо куну мадорро ва сабур бош. Бурд дар зиндагӣ паси ту хоҳад гашт.

* * *

Тилло зери пору афтад, муддате номаълум мемонад, баъди аз байни он раҳо ёфтан, боз тилло эҳё мешавад. Боз дар тоҷи шоҳону гарданбанди шаҳбонуҳо овезон шуда, қадр пайдо мекунад.

* * *

Як калимаро ҳеҷ гоҳ аз ёд набарор - дар ҳама кор меъёрро бояд нигоҳ дошт. Ҳатто дар андеша.

* * *

Роҳи пойҳою дастҳоро бояд ақл равшан созад, вагарна онҳо ба чоҳ хоҳанд афтод.

* * *

Мебинӣ ки сухану рафтори ту писандашон намеафтад, умуман ҳарфҳои худро барояшон сарф масоз, зеро дар он ҷое, ки шӯразамин аст, ниҳол намесабзад.

* * *

Ниҳолҳое ҳастанд, ки бояд онҳоро шинонию нигоҳубин созӣ. Ниҳолҳое низ ҳастанд, ки худрӯянд.

Аввалиҳо бе нигоҳубини боғбон зуд хушк мешаванд. Гурӯҳи дигар оҳиста-оҳиста рӯи ҷаҳонро забт хоҳанд кард.

* * *

Ту мегӯӣ, чӣ ҳоҷат, ки аз гузашта афсӯс меҳӯрӣ, аз гузаштае, ки аллакай гузаштааст. Онро ту ҳеҷ гоҳ баргардонида ва ислоҳ карда наметавонӣ. Чӣ бояд кард?

Аз оянда бояд андешид, то ҳолатҳое, ки пеш аз ин содир кардаӣ, такрор нашаванд. Бикӯш, ки фикриояндаро имрӯз карда бошӣ.

* * *

Тифл будӣ, афтону хезон ба по хестӣ. Акнун ки худро бузург мешуморӣ, лек бидон, дар назди волидонат то охир кӯчакӣ.



* * *

Нодидае ногаҳон луқмаеро дид, баднафсона онро фурӯ бурдан гирифт, ногаҳон луқма гулӯяшро банд кард.

* * *

Аз ду роҳ якеро интихоб намо, ки барои тай намудани он фурсат ёбӣ.

* * *

Ҳар кӣ ба дунё меояд, онро тарк хоҳад гуфт.

* * *

Ҳар инсоне, ки ба дунё меояд, дунёи худ, асрори худро дорад. На ба ҳар кас муяссар мешавад, ки асрори дигаронро кашф намояд. Аксаран одамон асрору дунёи худу дигаронро кашф накарда, ҳамдигарро надидаю нашунида дунёро тарк мекунанд.

* * *

Мебинӣ? Мешунавӣ? Пай мебарӣ, ки ба ҷуз лаззат бурдан дигарро фаромӯш кардаем? Чӣ бояд кард?

Аз нав сар кун, шунидан, дидан ва ҳис карданро омӯз!

* * *

Ононе, ки таърифу тавсифат мекунанд, аз онҳо ибрат магир. Ононе, ки таърифат мекунанд, аз ту тамаъ доранд. Бештар ба ҳарфи онҳое гӯш биандоз, ки камбудиҳоятро мегӯянд. Ту на ҳама вақт камбудиҳои хешро дида метавонӣ, мисли оне ки дег зери оташ сиёҳии худро пай набарад…

Ба ҳарфҳои бадхоҳон гӯш мадеҳ. Зиндагӣ чунон мушкил аст, ки як кас тамоми мушкилоти онро ҳал карда наметавонад!

* * *

Субҳдам аз хоб барвақт хез, зеро умри инсон дар қиёс бо абадият хеле кӯтоҳ аст. Агар меҳоҳӣ ба орзуят бирасию ба одамон бештар манфиат расонӣ, болои имконоти хеш кор бикун, зеро бе меҳнат замин чизеро ба мо муфт намедиҳад.

* * *

Пас аз оғоз, аз овони ҷавонӣ ғайрат бикун, ки бештар дониш зам намоӣ. Бе дониш ҳеҷ чиз ба даст оварда намешавад.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***



# САДОҚАТ БА КАСБ

**Садоқат ба касб инсонро ба қуллаи мақсуд мерасонаду байни мардум соҳибэҳтиром мегардонад. Дар зиндагӣ низ, маҳз онҳое муваффақ мегарданд, ки ҷодаи интихобкардаи хешро бо меҳнати ҳалол тай менамоянд. Сардори шуъбаи муросилот ва хоҷагидории Корхонаи фаръии КВД «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон Маҳмадалӣ Хидиров аз зумраи чунин нафарон мебошад.**

Мавсуф солиёни зиёд аст, ки дар ин соҳа фаъолият мекунад. Рӯзи кориаш замоне оғоз мешавад, ки мардум ҳанӯз дар хоби нозанд. Ӯ субҳи содиқ ба хонандагон барои гирифтани ғизои маънавӣ ба тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят рӯзномаю маҷалла ва дигар муросилотро равона месозад.

Маҳмадалӣ соли 1967 дар шаҳри Калининобод (ҳоло Левакант) дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1984 мактаби миёнаи умумии №5-и шаҳри Левакантро бо баҳои хубу аъло хатм карда, муддати ду сол дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар шаҳри Москва адои хизмати ҳарбӣ менамояд. Аз соли 1988 то ҳол дар соҳаи алоқа кору фаъолият дорад.

- Бисту яксола будам, ки маро аз ҷониби корхона - Автобазаи алоқаи шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) барои такмили ихтисос ба шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон фиристоданд, - ба ёд меорад Маҳмадалӣ Хидиров. - Ҳар сол ба шаҳри Тошканд рафта, 40 рӯз дар факултети алоқаи Институти роҳсозии ин шаҳр таҳсил мекардам. Аз соли 1988 то соли 1993 дар ин боргоҳи илму маърифат таҳсил намуда, соҳиби маълумоти олӣ гардидам.

М. Хидиров аз оғози кор дар КВД «Почтаи тоҷик» дар вилояти Хатлон дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла муҳандиси нақлиёт, сардори шуъбаи муросилот ва хоҷагидорӣ, фаъолият кардааст.

- Ҳар ҳафта ба идора то 20 номгӯй, дар маҷмӯъ, тахминан 20 ҳазор нусха рӯзномаю маҷаллаҳо ворид мешаванд. Ҳар рӯз ҳамин теъдоди рӯзномаю маҷаллаҳоро сари вақт ба обуначиён мерасонем, то аз набзи Ватани азизамон, аз сиёсати имрӯзаи давлат, дигаргуниҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ва ҷаҳон бохабар бошанд. Бар замми ин, ба идораи мо боз мактубҳою дигар муросилот низ ворид мешаванд, ки онҳоро зуд ба соҳибонашон мерасонем, - мегӯяд Маҳмадалӣ Хидиров.

Ӯ дар коргоҳ бо кормандон ба меҳрубонӣ ва самимияти хос муносибат менамояд. Дили пок дораду роҳнамои кормандони ҷавон аст. Дар тӯли фаъолият боре ҳам касеро наранҷондааст. Дар пастию баландиҳои зиндагӣ ҳамеша паҳлуи ҳамкасбон мебошад. Аз ин ҷост, ки дар идора ҳурматашро ба ҷо меоранд.

Раъногул Раҳмонова, ки 30 сол боз бо қаҳрамони матлаб фаъолият менамояд, ӯро инсони некандешу хушмуомила, чеҳрахандону кордон, меҳнатқарину корозмуда ва пуштибони тамоми кормандон медонад.

- Ман аз ҳаёт розиам, - мегӯяд Маҳмадалӣ Хидиров, - 35 соли зиндагиамро дар ин коргоҳ сипарӣ намуда, ба мардум аз сидқи дил хизмат кардаам. Аз пешаи интихобкардаи хеш пушаймон нестам ва ният дорам, то умр боқист, дар ҳамин соҳа фаъолият намоям.

Заҳматҳояш борҳо аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо сипосномаю ифтихорномаҳо қадрдонӣ шудааст. Ҳамчунин, фаъолияти пурсамари Маҳмадалӣ Хидировро ба назар гирифта, соли 2015 ба ӯ унвони баланди соҳаи алоқа - «Устоди алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро доданд.

«Садоқат ба касб, ки ному нонат ҳамбаста бо ӯст, арҷ бар неъмати худододист», - мегӯянд дар урфият. Маҳз, садоқат ба касби дӯстдоштааш буд, ки Маҳмадалӣ Хидиров 35 соли ҳаёташро дар ин масир сарф карда, бо заҳмати ҳалол зиндагии хешро пеш мебарад.

Дар ин маврид Лоиқи бузургвор барҳақ фармудааст:

**Дар осмони ҳафтум**
**ҷовид ҷо бигирад,**
**Ҳар кас ҷабин бисуда**
**дар остони меҳнат.**

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон мекунад:

1. Сармутахассиси раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника
2. Сармутахассиси раёсати иқтисод ва дурнамо
3. Сармутахассиси раёсати иқтисод ва дурнамо
4. Сармутахассиси раёсати электроэнергетика
5. Сармутахассиси раёсати электроэнергетика
6. Сармутахассиси раёсати захираҳои об
7. Сармутахассиси бахши котибот
8. Мутахассиси пешбари раёсати сармоягузорӣ
9. Мутахассиси пешбари раёсати захираҳои об
10. Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорат
11. Мутахассиси пешбари бахши котибот
12. Мутахассиси раёсати сиёсати энергетикӣ ва захираҳои об, рушди илму техника
13. Мутахассиси раёсати электроэнергетика
14. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ
15. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ.

**Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати энергетика ва захираҳои об (кӯчаи Шамсӣ 5/1) пешниҳод намоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (сурати рангаи 3х4 ва 4х6- 4 дона);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулкии худ;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

**Эзоҳ:** талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:

- сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар -1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Музди меҳнати заминавӣ:**

- Сармутахассис – 1660 сомонӣ, мутахассиси пешбар – 1352 сомонӣ, мутахассис – 1112 сомонӣ муайян гардидааст.

Довталабон маълумоти иловагиро аз сомонаи **mewr.tj** ва телефони **235-97-68** гирифта метавонанд.

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

- сардори шуъбаи нозирони Хадамот - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 2011,50 сомонӣ;
- мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамот - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1653,90 сомонӣ;
- сармутахассиси Хадамот дар шаҳри Душанбе - 4 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассиси Хадамот дар минтақаи НБО «Роғун» - 2 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассиси Хадамот дар минтақаи Суғд - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- сармутахассиси Хадамот дар гурӯҳи озмоишӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1502,30 сомонӣ;
- мутахассиси пешбари Хадамот дар минтақаи ВМКБ - 1 ҷой, маоши мансабӣ -1228,40 сомонӣ;
- мутахассиси Хадамот дар минтақаи Бохтар - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассиси Хадамот дар минтақаи ВМКБ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ;
- мутахассиси бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамот - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1012,60 сомонӣ.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

1. Ариза ба унвони сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмон
2. Варақаи шахсӣ
3. Тарҷумаи ҳол
4. Сурати 3х4 (4 дона)
5. Нусхаи шиносномаи шаҳрвандӣ
6. Нусхаи диплом
7. Нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ
8. Нусхаи ақди никоҳ
9. Маълумотнома аз нозироти андоз (ИНН)
10. Маълумотнома дар бораи даромад ва вазъи молу мулк (эъломияи №411,№412)
11. Маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ
12. Маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ
13. Нусхаи билети ҳарбӣ
14. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат
15. Маълумотномаи шахсӣ (СИВИ).

**Ҳуҷҷатҳои довталабон дар давоми 21 рӯз аз санаи нашри эълон қабул карда мешаванд.**

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода 34.

**Телефон барои маълумот:** +992 223-06-96.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 30-юми январи соли 2024 музоядаи № 8-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Тамғаи воситаҳои нақлиёт | Рақами тартибӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Опел астра G | 10 | аз 2001 то 2004 | 32000 |
| 2 | Опел астра G | 12 | | 32000 |
| 3 | Опел астра G | 13 | | 32000 |
| 4 | Опел астра G | 21 | | 32000 |
| 5 | Опел Зафира | 23 | | 40000 |
| 6 | Опел Зафира | 25 | | 40000 |
| 7 | Опел Зафира | 26 | | 40000 |
| 8 | Опел Зафира | 27 | | 40000 |
| 9 | Опел Зафира | 28 | | 40000 |
| 10 | Опел астра G | 37 | | 36000 |
| 11 | Опел Зафира | 41 | | 36000 |
| 12 | Опел Зафира | 42 | | 36000 |

**Эзоҳ:** Автомашинаҳои ба фурӯш пешниҳодгардида дар ҳолати таъмирталаб, бо қисмҳои корношоями бордон, бе чархи эҳтиётӣ, аккумулятор, шиносномаи техникӣ ва рақами қайди давлатӣ, ранги автомашина дар офтоб сӯхтагӣ, бо рақамҳои Вин-коди бордони аслии баъзе автомашинаҳо тарошидашуда, қарор доранд. Автомашинаҳои мазкур дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд нигоҳ дошта мешаванд.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми **«Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **- шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 30-юми январи соли 2024 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металҳои сиёҳ, чӯян ва ранга баргузор менамояд

1) 1,783 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби МД «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -1783 сомонӣ.

2) 1,7 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби Агентии назорати маводи нашъовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -1700 сомонӣ.

3) 0,489 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -489 сомонӣ.

4) 0,188 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -188 сомонӣ.

5) 0,046 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби МД «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -46 сомонӣ.

6) 0,078 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби МД «Академияи таҳсилоти Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -78 сомонӣ.

7) 2,629 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби МД «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -2629 сомонӣ.

8) 7,144 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -7144 сомонӣ.

9) 6,585 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ. Нархи ибтидоӣ -6585 сомонӣ.

10) 0,44 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд. Нархи ибтидоӣ -440 сомонӣ.

11) 0,35 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби шуъбаи тоҷикии Идораи иншооти нақби обӣ ва канали «Дӯстлик»-и даштҳои ташналаб, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд. Нархи ибтидоӣ -350 сомонӣ.

12) 2,890 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Восеъ, воқеъ дар ноҳияи Восеъ. Нархи ибтидоӣ -2890 сомонӣ.

13) 0,200 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Кӯлоб, воқеъ дар шаҳри Кӯлоб. Нархи ибтидоӣ -200 сомонӣ.

14) 0,2 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби МД «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -160 сомонӣ.

15) 0,856 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби МД «Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -684,8 сомонӣ.

16) 4,098 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ -3278,4 сомонӣ.

17) 2,370 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ. Нархи ибтидоӣ -1896 сомонӣ.

18) 1,0 тонна пораву партовҳои металҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби шуъбаи тоҷикии Идораи иншооти нақби обӣ ва канали «Дӯстлик»-и даштҳои ташналаб, воқеъ дар шаҳри Хуҷанд. Нархи ибтидоӣ -800 сомонӣ.

19) 0,005 тонна пораву партовҳои металҳои ранга аз ҳисоби МД «Академияи таҳсилоти Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Душанбе. Нархи ибтидоӣ - 65 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми **«Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда **- шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Чапаев, бинои 5, хонаи 3 ба Ғаниев Нураҳмад додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи хоҷагии деҳқонии «Рустам» (РМА 325111481, РЯМ 3230011199), ки 30-юми июли соли 2010 дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин (ҳоло Асадулло Ғуломов), бинои 64/1, хонаи 27 ба Абдурахманова Латофатхон (РМА 045463047) додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №0080409, ки онро МДТ «Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҳисор» соли 2015 таҳти қайди 01541 бо ихтисоси «Системаи компютерӣ ва интернет технология» ба Ҷобиров Фирдавс Шамсуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №0137290, ки онро МДТ «Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор» соли 2019, таҳти қайди 0264 бо ихтисоси «Тракторчӣ- мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ» ба Ёрмуҳаммади Илҳомҷон додааст, эътибор надорад.

✓Иловаи (вкладыши) гумшуда ба дипломи бакалаври №107705 0453244, ки онро Донишгоҳи славянии Россия- Тоҷикистон таҳти қайди 3931 санаи 20-уми июни соли 2017 ба Джононов Мунисджон Саломатшоевич (РМА 046818114) додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Талбонов Саймаҳмуд Нураҳмадович (РМА 045807814) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0616455, ки онро МТМУ №54-и ноҳияи Синои шаҳри Душнабе соли 2013 ба Киромуддинзода Мунисҷон (РМА 046818114) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0768422, ки онро МТМУ №8-и шаҳри Душанбе соли 2021 ба Қосимова Аниса Манучеҳровна (РМА 015991868) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1159207, ки онро МТМУ №8-и шаҳри Душанбе соли 2023 ба Қосимова Севинч Манучеҳровна (РМА 016185074) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Меҳроҷиддин» (РМА 205119153), ки дар Нозироти андози ноҳияи Фархор ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БМMҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 108, хонаи 49 ба Юлдошева Мастура (РМА 045360399) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 22-юми январи соли 2020 таҳти №22091 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Гипрозем, бинои 30/3, хонаи 20 ба Махшулов Ҳотамбег Фарухович (РМА 735117239) додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи силсилаи ДШ №0598389-и туҳфаи 1/2 ҳиссаи бино, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1-уми апрели соли 2015 таҳти феҳрасти 2Ш-307 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамов, 1/2 (аз ду як ҳиссаи бинои №50) ба Ғафуров Беҳруз Шамсидинович (РМА 025482275) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 108, хонаи 49 ба Юлдошева Мастура (РМА 045360399) додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0521350, ки онро Кумитаи замини шаҳри Ҳисор таҳти рақами ягонаи кадастрии 03-010-000832 санаи 28-уми апрели соли 2015 ба ҶСП «Шарора»-и шаҳри Ҳисор (РМА 090001176) додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникӣ таҳти рақами инвентарии 8571-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор соли 1989 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти ба номи М.Турсунзода, деҳаи Садоқат ба Саримсоқов Саттор додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросӣ бо дараҷаи А № 0365746 таҳти рақами 5095, рақами кадастрӣ 03-001-001020-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Ҳисор 18 ноябри соли 2013 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Хонақоҳи кӯҳӣ ба хоҷагии деҳқонии «Хелисойи боло-Х» додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 40, хонаи 21 ба Ҷалолова Зебонисо Ҷамиловна (РМА 037373249) додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 40, хонаи 21 ба Ҷалолова Зебонисо Ҷамиловна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Нозимбойзода Фирӯзҷон (РМА 535300089) додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 40, хонаи 21 ба Ҷалолова Зебонисо Ҷамиловна додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Ҷононов Аҳлиддин Муҳибҷонович (РМА 046032498) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи Т-ШТА № 0754856 дар барои таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро МТМУ №52-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло №120-и шаҳри Душанбе) соли 2012 ба Сафарова Моҳшариф (РМА 126689725) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи ГТС №0047687, ки онро МТМУ №53-и шаҳри Душанбе соли 2002 ба Хушмамадова Гулмира Сафаралиевна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Асри нав энергияи нав» (РМА 040064602, РЯМ 0410042023), ки 16- уми июни соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Ҷетоур автомобил Тоҷикистон» (РМА 040064639, РЯМ 0410042041), ки 21- уми июни соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Хонаи сафед» (РМА 030035886, РЯМ 0310023927) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум
Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: *Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 январи соли 2024, соати 11:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34640 нусха*

Навбатдорони шумора Ӯ. Назар ва Ф. Абдулҳакимова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97